# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ – доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сайфуллоев Х.Г. ба диссертатсия ва автореферати Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) (Такрорӣ)**

Диссертацияи Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» ба яке аз проблемаҳои мубрами методикаи муосири таълими забонҳои хориҷӣ – проблемаи рушди салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён бахшида шудааст. Асосҳои назариявии бозбинии мақсадҳои таълими забонҳои хориҷӣ дар партави тағйиротҳои таърихӣ ва сиёсӣ, ки аз ҷониби олимони машҳур коркард гардидаанд ва дар он ҷойи асосиро таълими муошират бо забони хориҷӣ дар чорчӯби муколамаи фарҳангҳо ишғол менамояд.

Аҳамиятнокии таҳқиқот аз натиҷаи мушоҳидаҳо ва таҳлили муносибатҳо ба татбиқсозии ҷанбаи байнифарҳангии мундариҷаи таълими дорои тамоюли касбии забони хориҷӣ, коркард нашудани проблемаҳои мураттабӣ ва муттасилии ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар шароитҳои муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, номавҷудии таъминоти созгори методӣ ва дидактикӣ дар ҷараёни рушди байнифарҳангии шахсият дар ҷараёни таълими касбии забони хориҷӣ ва методҳои анъанавии таълим, ки омодагардонии донишҷӯёнро барои ҳамкории байнифарҳангӣ дар соҳаи шарикии корӣ дар сатҳи байналмилалӣ таҳрик намебахшанд, бармеояд.

Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабова Фируза Садриддиновна инчунин аз таҳлили бисёрпаҳлуи коркардҳои мавҷудаи илмӣ маълум мешавад, ки сарфи назар аз аҳамияти бузурги назариявӣ ва амалии корҳои мавҷуда проблемаи методикаи ташаккули салоҳияти

байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ дар ҶТ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

Диссертант вобаста ба мубрамӣ ва саривақтии проблемаи таҳқиқшаванда мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро тавҷеҳ намуда, объект, предмет ва фарзияи рисолаи илмиро муқаррар намудааст. Тавҷеҳи навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертатсия мутобиқи методологияи муосири илмӣ ва низомномаи принсипиалии илми педагогика таҳия гардидааст. Тавсияҳои пешниҳоднамудаи диссертант дорои аҳамияти муфиди илмӣ ва амалӣ буда, дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии ҷумҳурӣ бо муваффақият татбиқ мегардад.

Рисолаи диссертатсионӣ дар асоси таҳлили амиқи адабиёти илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот мустақилона иҷро гардидааст. Эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо он таъмин карда мешавад, ки муаллиф саъю кӯшиш намудааст, ки модели ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгориро аз ҷиҳати назариявӣ коркард намуда, онро дар самарабахшии технологияҳои педагогӣ зимни таълими забони хориҷӣ дар озмоиш бисанҷад.

Муаллифи рисола дастовардҳои маъруф ва андешаҳои илмии дигар муҳаққиконро доир ба масъалаҳои ташаккули салоҳияти байнифарҳангӣ омӯхта ва тариқи интиқодӣ таҳлил намудааст. Низоми илмӣ-методии коркардшуда метавонад дар шароити воқеии раванди педагогӣ ба сифати коркард оид ба ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ истифода бурда шавад. Далелнокии натиҷаҳои пешкашнамуда мутобиқи маълумотҳои таълими озмоишӣ ва хулосаҳои илмӣ ба асос гирифта шудаанд.

Натиҷаҳои ба дастомада ба ихтисоси муаллифи диссертатсия ҷавобгӯй мебошанд.

Мазмун ва мӯҳтавои автореферат, мақолаҳои илмии дар нашрияҳо нашршуда ба мавзӯи таҳқиқоти илмӣ, иҷрои мақсаду вазифаҳои дар пеш истодаи муаллиф мувофиқат мекунанд.

Мутобиқати мукаммалии таълифот дар 25 мақола инъикос ёфта, аз ҷумла 5 мақола, ки ба мавзӯи рисолаи илмӣ рабт дорад, дар нашрияҳои тақризии тавсияшудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Дар маҷмуъ, вобаста ба мубрамӣ, навгонии илмӣ, меъёри таҳқиқоти иҷрогардида, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот ва аҳамияти илмию амалии натиҷаҳои бадастомада диссертатсияи номзадии Раҷабова Фируза Садриддиновна дар мавзӯи «Методикаи ташаккули салоҳиятмандии байнифарҳангии донишҷӯён дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ дар шароити муҳити бисёрфарҳангии донишгоҳҳои омӯзгорӣ» ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 31, 33-35 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» июни соли 2021, №267 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Раҷабова Фируза Садриддиновна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

Роҳбари илмӣ -
доктори илмҳо педагогӣ,
профессор Сайфуллаев Хайрулло Габдуллаевич

Имзои д.и.п., профессор Х.Г. Сайфуллоевро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ А.Мустафозода
05.10.2023 с.